12 00 00 ҲУҚУҚШИНОСӢ
12 00 00 ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ
12 00 00 LAW SCIENCES

12.00.02 – КОНСТИТУЦИОННОЕ И МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО
12.00.02 – CONSTITUTIONAL AND MUNICIPAL LAW

УДК 349.2
ББК 67.405.212.219

ЗАРУРАТИ ҚАБУЛИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ВА ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ КӮДАКОНИ ЯТИМ ВА БЕПАРАСТОР

Бобоев Анварбек Хоҷаевич, *мудири кафедраи ҳуқуқи конституцсионии ДДҲБСТ, н.и.ҳ., дотсент;* ***Шоҳимардонов Шодибек Ҳайдарович,*** *донишҷӯи курси 4-уми факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

НЕОБХОДИМОСТЬ ПРИНЯТИЯ ЗАКОНА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН О ЗАЩИТЕ ПРАВ И ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОДДЕРЖКЕ ДЕТЕЙ-СИРОТ И ДЕТЕЙ, ОСТАВШИХСЯ БЕЗ ПОПЕЧЕНИЯ РОДИТЕЛЕЙ

Бобоев Анварбек Ходжаевич, *завкафедрой конституционного права ТГУПБП, канд.юрид.наук, доцент;* ***Шохимардонов Шодибек Хайдарович,*** *студент 4 курса юридического факультета ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

THE NEED FOR ADOPTION OF TAJIKISTAN REPUBLIC LAW ON PROTECTION OF THE RIGHTS AND STATE SUPPORT OF CHILDREN-ORPHANS AND CHILDREN LEFT WITHOUT PARENTAL CARE

BoboevAnvarbekKhuzhaevich, *head of the department of constitutional law of the TSULB, Ph.D., Associate Professor (Tajikistan, Khujand)* ***Shohimardonov Shodibek Haidarovich,*** *4th year student of the Law Faculty of TSULBP(Tajikistan, Khujand)*
E-MAIL:*boboev-anvar@mail.ru*

Калидвожаҳо: *нимятим, ятим, ҳуқуқи кӯдакони ятим ва бепарастор, ятими кул,дастгирии давлатӣ, қонун*

Масъалаҳои танзими муносибатҳо вобаста ба фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, дастгирии давлатӣ, таъминоти иҷтимоии кӯдакони ятим ва бепарастор, инчунин ашхосе, ки дар давоми таҳсил падару модар ва ё падару модари танҳояшон вафот кардааанд ва кафолатҳои амалишавии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шудааст. Таъкид шудааст, ки шароити кунунӣ ва тараққиёти инкишофи қонунгузории дохилӣ ва хориҷӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷа хусусан, давлатҳои ИДМ қабул кардани қонуни навро "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб менамоянд.

Ключевые слова: *полусирота, сирота, права детей-сирот и детей, оставшихся без попечения родителей, круглый сирота, государственная поддержка, закон*

Анализируются проблемы регулирования отношений, связанных с правоохранительной

деятельностью, государственной поддержкой, социальным обеспечением детей-сирот и детей, оставшихся без попечения родителей, а также лиц, родители или одинокий родитель которых умерли во время учебы детей, и гарантией их реализации в Республике Таджикистан. Подчеркивается, что сложившаяся ситуация и развитие отечественного и зарубежного законодательства и опыт зарубежных стран, особенно стран СНГ, требуют принятия в Таджикистане нового Закона «О защите прав и государственной поддержке детей-сирот и детей, оставшихся без попечения родителей».

Key-words: *semi-orphan, orphan, rights of children-orphans and children left without parental care, parentless orphan, state support, law*

The author of the article analyzes the problems of regulation of relations concerned with law-enforcement activities, state support, social provision of children-orphans and children left without parental care and also of those ones whose parents, both or one, died during their sons` or daughters` school age; the guarantee of realization of such children`s rights being bound to be ensured. It is underscored that formed situation, development of home and foreign legislation, experience of other countries, especially those of CIS, require an adoption of the new law in Tajikistan under the title "On Protection of the Rights and State Support of Children-Orphans and Children Left without Parental Care".

Имрӯз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон, хусусан кӯдакони ятим ва бепарастор сиёсатеро пеш гирифтааст, ки ба рушду камоли онҳо, таъмини моддӣ ва иҷтимоии кӯдакони ятим, умуман истифодаи имтиёзҳои давлатӣ ва ғайра мусоидат мекунад. Қайд кардан зарур аст, ки асоси ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи кӯдакони ятим ва бепарастор аз Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифта, тавассути якчанд санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ танзим мегардад. Мутаасифона алҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни алоҳида оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии кӯдакони ятим ва бепарасторон қабул карда нашудааст.

Боби чоруми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак" ба "Ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони ятим ва бепарастор" бахшида шуда, васоят, парастории, фарзандхонӣ, нигоҳубин ва тарбияи кӯдакони ятим ва бепарасторро дар муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, табобатӣ ва дигар муассисаҳои ба онҳо монанд пешбинӣ менамояд. Ин боб кафолатҳои давлатии ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии кӯдакони ятим ва бепарастор, кафолати давлатии амалӣ намудани ҳуқуқи кӯдакони ятим ва бепарастор ба меҳнат, манзил, ҳифзи саломатӣ, таҳсил, инчунин кафолати давлатии расондани ёрии ҳуқуқии ройгон ба кӯдакони ятим ва бепарасторро фарогир мебошад. Инчунин дастгирии давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор дар аксар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ аз рӯи тобеият муқаррар гаштаанд. Беҳтар мешавад, ки ҳамаи меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқҳои кӯдакони ятим ва бепарастор дар як санади алоҳида муттаҳид карда шаванд. Бешубҳа ин барои соддатар гаштани истифодаи ҳуқуқу озодиҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ барои кӯдакони ятим ва бепарастор имкон медиҳад. Ғайр аз ин дар ҳифзи ҳуқуқи кӯдакони ятим, хусусан кӯдакони нимятим баъзе камбудиҳои ҷиддӣ ба назар мерасад. Аз ҷумла, ҳар сол садҳо ятимон хона-интернатҳоро хатм менамоянд ва аксари онҳо ба масъалаи таъмин бо манзили истиқоматӣ дучор мегарданд. Зарурати қабули қонуни нав аз он иборат аст, ки муносибатҳо ба кӯдакони ятим ва бепарастор бо қонуни алоҳида танзим гардид. Аз ҷумла, муносибати мақомоти дахлдор ба кӯдакони ятим ва бепарастор, ҳуқуқҳои кӯдакони ятим ва бепарастор, расонидани кӯмаки давлатӣ ба кӯдакони ятим ва

бепарастор ва ғайра ба таври васеъ муайян карда, ба танзим дароварда шаванд. Рушди имрӯзаи иҷтимоию иқтисодии мамлакат , инкишофи қонунгузории дохилӣ таҷрибаи давлатҳои хориҷа, хусусан давлатҳои ИДМ (масалан, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Украина) собит месозанд, ки ҳифзи ҳуқуқи кӯдакони ятим, аз ҷумла нимятим ва ҳалли мушкилиҳои дар боло зикр гардида бидуни қабули қонуни алоҳида "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконнопазир аст.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ шарҳу тавзеҳи мухталифи мафҳуми "таъминоти иҷтимоӣ" вуҷуд дорад. Як гурӯҳ олимон [9, с.190] зери мафҳуми таъминоти иҷтимоӣ иштироки ҷомеаро дар таъмини аъзои худ, ки бинобар ғайриқобили меҳнат гардидан ё бо сабаби воситаҳои барои зиндаги заруриро аз даст додаанд, мефаҳманд. Таъминоти иҷтимоӣ яке аз шаклҳои муҳимми конституцсионии ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ ба ҳисоб меравад [9, с.6]. Таъминоти иҷтимоӣ – ин воситаҳои пулӣ, дигар хизматрасониҳои моддӣ ва иҷтимоӣ мебошанд, ки ба гурӯҳи муайяни шаҳрвандон аз ҳисоби буҷет ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳодисаҳои аз тарафи қонунгузор дорои аҳамияти иҷтимоӣ эътироф шуда пешниҳод гардида, бо мақсади баробар намудани ҳолати иҷтимоии шаҳрванд амалӣ карда мешавад [10, с.40].

Дар поён кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки дар асоси таҳлили илмӣ ва амалӣ, инчунин омӯхтани таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии давлатии кӯдакони ятим зарурати қабули қонуни алоҳидаи "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор"-ро собит созем.

Дар бисёр давлатҳои хориҷа, аз ҷумла Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Украина ва дигар давлатҳо қонуни алоҳида дар бораи ятимон ва бепарасторон [4, с.10] мавҷуд мебошад. Масалан, 22 феврали соли 2012 аъзои Шӯрои Федералии Федератсияи Русия қонуни федералиро дар бораи ба манзил таъмин намудани кӯдакони ятим маъқул шуморид. Дар қонун пешбинӣ шудааст, ки дар минатқаҳо фонди махсуси манзил барои бо манзил таъмин кардани ятимон ва кӯдакони бепарастор ташкил карда мешавад. Ё дар Федератсияи Русия Қонуни федералии "Дар бораи кафолатҳои иловагии дастгирии иҷтимоии ятимон ва кӯдакони бепарастор" амал мекунад. Инчунин дар ин кишварҳо қонунҳои алоҳида дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон низ амал мекунанд, ки аз қонуни дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдакони ятим ва бепарастор куллан фарқ доранд.

Ба соҳибистиқлолии кишвар 29-сол пур мешавад. Аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ ҳукумати кишвар дар ҳифзи ҳуқуқ ва кӯмаки давлатӣ ба кӯдакони ятим ва бепарастор аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Аз ҷумла**,** Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **аз** 31 октябри соли 2014, № 690 "Дар бораи Барномаи миллӣ оид ба барҳамдиҳии шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020"**;** Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2017, № 322 "Дар бораи барномаи ислоҳоти низоми адолати судӣ нисбати кӯдакон барои солҳои 2017-2021" ва ғайраҳо.

Кӯдакони ятим ва бепарастор таҳти ғамхории ҳамешагии Президенти кишвар қарор доранд. Дар паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намуданд, ки: "Ҳоло дар мамлакат ... 5277 нафар ятимони кулл ва 74 ҳазор ятимон зери сарпарастии давлат қарор доранд. Ҳаҷми маблағгузорӣ ба онҳо дар давоми 10 соли охир 3,2 баробар афзоиш ёфтааст." [5, с.5]. Бо вуҷуди дар мамлакат амалигардонии ислоҳоти бундёди соҳаи қонунгузорӣ то ҳол масъалаи қабули қонуни алоҳида дар бораи ҳифзи ҳуқуқи

ятимон ва кӯдакони бепарастор мавриди баррасии ҷиддӣ қарор нагирифтааст.

Ҳарчанд боби чоруми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак" [2, с.10] ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони ятим ва бепарастор бахшида шудааст, вале он фарогирандаи ҳамаи масъалаҳои вобаста ба кӯдакони ятим ва бепарастор намебошад. Махсусан, ҷиҳати ҷавобгарии намояндаи қонунии кӯдак ҳангоми нигоҳубин. Доир ба ин масъала мо пешниҳоди Н.М. Имомоваро ки ба мафҳуми «зарари ҷисмонӣ», ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" оварда шудааст, ибораи "қасдона дар хатар ё ҳолати номусоид мондан"-ро илова менамояд, тарафдор ҳастем, ки чунин мазмун мегирад: «Зарари ҷисмонӣ – кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як аъзои оила нисбати дигар аъзои оила бо роҳи истифодаи қувваи ҷисмонӣ ё қасдона дар хатар ё ин ки ҳолати номусоид мондан, ки сабаби зарари ҷисмонӣ ё ин ки зарар ба саломатии вай мегардад, ифода меёбад»[8, с.12-13].

Дар қисми 3, моддаи 34-и Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ки: "Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд." [1, с.7]. Истилоҳи кӯдаки ятим дар моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак" чунин шарҳ дода шудааст: "Кӯдаки ятим – кӯдаке, ки падару модараш, падар ё модари танҳояш вафот кардаанд [2, с. 4]. Вале дар моддаи 40 қонуни мазкур омадааст, ки ба кӯдаконе, ки падар ё модар надоранд, бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолати давлатӣ пешбинӣ карда мешавад. Аз рӯи моддаҳои дахлдори қонунгузории Тоҷикистон маълум мешавад, ки кӯдаке, ки падару модараш, падар ё модари танҳояш вафот кардаанд, ятим ба ҳисоб меравад. Яъне дар асоси моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон" бояд аз имтиёзҳои давлатие, ки барои ятимон пешбинӣ шудааст, ятимони кул ва нимятимон баробар ё қисман истифода баранд, зеро дар қонун мафҳуми ятими кул ва нимятим оварда нашудааст. Дар асоси қонун зери мафҳуми ятим, ҳам ятими кул ва ҳам нимятим фаҳмида мешавад, вале аксари кафолатҳои давлатии ятимон ба ятимони кул тааллуқ дорад. Ба ибораи дигар кӯдакони нимятим таҳти амали ин қонун қарор надоранд. Бинобар ин зарур аст, ки дар қонун мафҳуми ятими кул ва нимятим алоҳида шарҳ дода шуда, ҳуқуқҳои онҳо дар алоҳидагӣ зикр гарданд.

Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои нимятимон пурра зикр нашудаанд, ки боиси камбудиҳои ҷиддӣ дар татбиқи ҳуқуқҳои онҳо мегардад. Дар қонунгузории ҷумҳурӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ба кӯдакони ятим кӯмак ва имтиёзҳои давлатӣ пешбинӣ шудааст, ки кӯдакони нимятим аз аксари ин ҳуқуқҳо маҳрум мебошанд. Хуб мешуд, кӯдакони нимятим низ аз он ҳуқуқҳое, ки ба ятимон пешбинӣ шудааст, ба таври пурра ва ё қисман истифода баранд ва ин дар қонуни алоҳида дарҷ гардад.

Давлат ба кӯдакони ятим ва бепарастор дар зинаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимии давлатӣ як маротиба гирифтани таълими ройгонро кафолат медиҳад. Инчунин донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, ки ятим ва бепарастор мебошанд ва дар хобгоҳҳои муассисаҳои мазкур истиқомат доранд, аз пардохти хизматрасонии коммуналӣ ва ҳаққи манзил озод мебошанд. Аммо ин кафолати давлатӣ дар амалия ба нимятимон тааллуқ надорад. Ғайр аз ин тибқи тартиби муқаррагардида дар доираи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба довталабе, ки яке аз волидонаш вафот кардааст, яъне нимятим мебошад, имтиёз фақат дар пардохти ҳаққи хизматрасонӣ пешбинӣ шудааст. Вале холи имтиёзноке, ки барои ятимон пешбинӣ шудааст, ба нимятимон тааллуқ надорад. Бо мақсади дастгирии чунин донишҷӯён лозим

аст, ки имтиёзҳоидар таҳсил ба ятимони кул пешбиниӣ гардида, қисман ба нимятимон низ паҳн шавад. Аз ҷумла, нимятимон аз пардохти маблағи таҳсил дар муассисаҳои давлатӣ қисман (50%) озод карда шаванд ва ин нукта дар қонунгузории алоҳида ва гуногуни ҷумҳурӣ оварда шавад ва ё барои чунин донишҷӯён қарзҳои имтиёзнок ба мӯҳлати дароз дода шавад. Ҳар сол ба раёсатҳои донишгоҳҳои кишвар ҳазорҳо донишҷӯёни нимятим оид ба қисман озод намудан аз пардохти маблағи соли хониш муроҷиат мекунанд, ки ба сабаби дар қонунгузории соҳа пешбинӣ нашудани ин меъёр, ҷавоби рад мегиранд. Ҳамасола садҳо донишҷӯён аз ӯҳдаи ҳам таъмини моддии хеш, оила, инчунин, пардохти маблағи таҳсил набаромада, донишгоҳро тарк менамоянд ва ё аз донишгоҳ хориҷ мешаванд. Баъзе хатмкунандагони муассисаҳои миёна бо сабаби набудани имтиёз ба нимятимон дар муассисаҳои олии кишвар маҷбур мешаванд аз идомаи таҳсил даст кашанд.

Ташкили амалҳои хайрия барои кӯмак ба ятимон ба таври махсус гузаронида шавад. Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ дар дастгирии моддии кӯдакони ятим ва бепарастор бетараф набуда, пайваста кӯмак менамояд. Аммо амалҳои хайри кардаашонро дар сомонаҳои иҷтимоӣ ва оинаи нилгун пахш менамояд ва дар он ҷо аксҳои ятимон оварда мешавад. Ин боиси шарм доштан ва рӯҳан азоб кашидани кӯдакони ятим ва бепарастор мегардад. Хуб мешуд, амалҳои хайрия ба таври махсус гузаронида, ҳангоми аксу навор рӯи онҳо нишон дода нашавад.

Мутобиқи моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 1993 № 796 «Дар бораи таъмини нафақаҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар таҳрири соли 2015) [3, с.23] давлат ба нимятимон нафақаи барои маҳрум шудан аз саробон медиҳад, ки аз се ва зиёда аз он кӯдак мавҷуд бошад айни ҳол 216 сомониро ташкил медиҳад, ки ин хело маблағи кам ва ночиз мебошад. Агар дар оила 5 ятим бошад бо 216 сомонӣ, ки айни ҳол бо маблағи 50 кг орд баробар мебошад, чи тавр зиндагӣ кардан мумкин аст? Зарур аст, ки агар шумораи кӯдакони ятим аз се 3 нафар зиёд бошад, ба ҳамаи онҳо маблағи алоҳида ҷудо карда шавад.

Дар моддаи 1-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон” мафҳуми мақоми кӯдаки ятим ва кӯдаки аз парастории волидайн маҳрумшуда, муассиса барои ятимон ва кӯдакони аз парастории волидайн маҳрумшуда, хатмкардагони муассисаҳои ятимон ва кӯдакони аз парастории волидон маҳрумшуда, таъминоти давлатии ятимон ва кӯдакони аз парастории волидайн маҳрумшуда шарҳ дода нашудааст. Бинобар, пешниҳод мегардад, ки дар санади алоҳида мафҳумҳои дар боло ишорашуда мукаррар карда шаванд.

Зарур мешуморем, ки барномаҳои мақсадноки ҳифзи иҷтимоии ятимон ва кӯдакони аз парастории волидайн маҳрумшуда аз тарафи Ҳукумат ва дигар мақомоти давлатӣ бо мақсади беҳтар намудани ҳифзи иҷтимоии ятимон, омодагии психологӣ ва амалии ятимон ва кӯдакони бепарастор, кӯдакони аз парастории волидайн маҳрумшуда ва шахсоне, ки аз ҷумлаи онҳо мебошанд, қабул ва татбиқ гарданд. Ғайр аз ин таъсиси стипендияҳои махсус барои шахсони боистеъдод аз ҳисоби ятимон ва бепарастор ташкил карда шавад.

Ба хатмкунандагони ятимхона қарзҳои имтиёзнок ба мӯҳлати дароз, ғайр аз қарз барои хариди хона, инчунин қарз барои тиҷорат, қарзҳои истеъмолӣ ба мӯҳлати дароз бо фоизҳои паст ё бефоиз дода шавад.

Ба муассисаҳое, ки ятимон таълим мегиранд ва ё истиқомат мекунанд, “Ятимхона”, “Хонаи бепарасторон” ва “Хона-интернатҳо” номгузорӣ карда нашавад ва истифодаи ин мафҳумҳо манъ карда шавад. Дар пештоқи биноҳо низ ин гуна

навиштаҷот сабт нагардад. Ба андешаи мо ин ба кӯдакони ятим ва бепарастор зарари рӯҳӣ мерасонад. Ба ҷои ин мафҳумҳо мафҳумҳои нав "Шаҳраки кӯдакон", "Хушбахт" ... истифода бурда шавад. Умуман, вазъи ҳуқуқии инсонро аз рӯи хусусиятҳои иҷтимоӣ ҷудо намудан, ба вайрон гаштани ҳуқуқҳои шахсии конституцсиониро оварда мерасонад. Доир ба масъалаи мазкур Н.В. Витрук хеле ба маврид қайд менамояд, ки ин ҳолат дар андешаи онҳо навъи дуюм буданашонро ташаккул медиҳад ва шаъну эътибори онҳоро паст мезанад [7, с.287].

Бояд дар қонун муҳофизати ятимон ва кӯдакони бепарастор аз ҳама гуна зӯроварӣ, беэътиноӣ, истисмор танзим карда шавад.

Ҳимояи судии кӯдакони ятим ва бепарастор. Давлат бояд ҳимояи судии ҳуқуқҳои кӯдакони ятим ва бепарасторро кафолат диҳад. Дар қонунгузорӣ меъёрҳо барои ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдакони ятим ва бепарастор, инчунин намояндагони қонунии онҳо, васиён (парасторон), мақомоти васоят ва парасторӣ ва ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, комиссияҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак муқаррар карда шаванд. Ҳангоми бо мақсади ҳифзи ҳуқуқи кӯдакони ятим ва бепарастор бо ариза ба суд мурочиат кардан, даъвогарон аз пардохти боҷи давлатӣ ва дигар пардохтҳо озод карда шаванд.

Бояд ҳуқуқҳое, ки ба ятимон дода шудааст, нисбати шахсоне, ки дар давоми таҳсил падар ва ё модар ё падару модарашро аз даст додаанд низ паҳн гардад, ба шарте, ки синнаш аз 23 боло набошад.

Баҳри пешгирӣ ва барҳам додани бесарпаноҳӣ дар байни кӯдакони ятим ва бепарастор зарур аст мақоми салоҳиятдор, ки барои муайян кардани кӯдакони ятим ва бепарастор, ки манзили истиқоматӣ надоранд, таҳсил намекунанд, ба корҳои вазнин ва шабона ҷалб карда шудаанд, фаъолият менамояд, корро дар ин самт пурзӯр намояд. Бо ин роҳ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷойгир кардани чунин кӯдакон дар муассисаҳои махсусгардонидашуда мусоидат менамояд ва ҳангоми озод шудан аз муассисаи мазкур дар таъмини онҳо ба манзил ҷалб кардан ба касбомӯзӣ, инчунин дар таҳсилу шуғли минбаъда кӯмак мерасонад.

Ҳамин тариқ, ба воситаи қабули қонун дар бораи ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор метавон механизми танзими муносибатҳоро оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор васеътар ба роҳ монд ва бо ин тарз ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии давлатии онҳоро боз ҳам беҳтар таъмин намуд.

Пайнавишт:

1. *Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (6 ноябри соли 1994 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст ва ба он 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.*
2. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак" аз18 марти соли 2015, № 1196 -URI. www.mmk.tj. (санаи мурочиат 08-09-2020)*
3. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 1993 № 796 «Дар бораи таъмини нафақаҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.03.2015 с., № 1199*
4. *Закондательство стран СНГ. -URI. http://spinform.ru/ (санаи мурочиат: 08. 09. 2020)*
5. *Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон – таҳкимбахши сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон (маҷмӯаи паёмҳо). – Хуҷанд, 2019. – 604 с.*

6. *Абрамова Ю.Л. Право на социальное обеспечение в российском законодательстве: Материалы Всероссийской научно-практической конференции "Российкий законодатель и права человека". - Тула, 2005. С. 6-15.*
7. *Витрук Н.В. Общая теория правового положения личности / Н.В. Витрук. – М.: Норма, 2008. – 448 с.*
8. *Имомова Н.М. Лишение родительских прав как мера ответственности в семейном праве Республики Таджикистан // дисс.к.ю.н. - Душанбе, 2015. – 171 с.*
9. *Конституционные права и свободы человека и гражданина в Российской Федерации: учебник для вузов / Под ред. д.ю.н., проф. О.И. Тиунова. - М.,2005. – 608 с.*
10. *Шуайпова П.Г. Реализация конституционных прав граждан на социальную защиту в Российской Федерации: дисс.к.ю.н. - Махачкала, 2005. – 177 с.*

Reference Literature:

1. *Tajikistan Republic Constitution (November 6, 1991 – the Conducted Referendum Carried out all over the Country and Adopted on September 26, 1999; according to the Results of General Questioning Alterations and Amendments Being Introduced into Recensions of June 22, 2003 and May 22, 2016). – Dushanbe: Treasure, 2016. – 135 pp.).*
2. *Tajikistan Republic Law "On Protection of Children`s Rights" from March 11, 2015, #1196-URL.: www.mmk.tj. (Date of request: 08.09.2020).*
3. *Tajikistan Republic Law from June 25, 1993, #796 "On Human Rights Guarantees in Tajikistan Republic" // Tidings of Tajikistan Republic Majlisi Olii (the Supreme Council) from 18.03.2015., #1199.*
4. *Legislation of CIS Countries – URLhttp://spinform.ru/ (Date of request: 08.09.2020).*
5. *The Message of Tajikistan Republic President Emomali Rahmon Dwelling on Consolidation of Home and Foreign Policy of Tajikistan Republic (Survey of News). – Khujand, 2019. – 604 pp.*
6. *Abramova Yu.L. The Right for Social Insurance in Russian Legislation: Materials of the all-Russian Scientific-Practical Conference "Russian Legislator and Human Rights". – Tula, 2005. – pp. 6-15.*
7. *Vitruk N.V. General Theory Concerned with Man`s Legal Position.// N.V. Vitruk. – M.: Norm, 2008. – 448 pp.*
8. *Imomova N.M. Deprivation of Parental Rights as a Measure of Responsibility in Tajikistan Republic Family Law // candidate dissertation in jurisprudence. – Dushanbe, 2015. – 171 pp.*
9. *Constitutional Rights and Freedoms of Man and Citizen in Russian Federation: manual for higher school // Under the editorship of Dr. of Law, Professor O.I. Tiunov. – M., 2005. – 608 pp.*
10. *Shuaipova P.G. Realization of Constitutional Rights of Citizens for Social Protection in Russian Federation: candidate dissertation in jurisprudence. – Makhachkala, 2005. – 177 pp.*